**Тақриз**

**ба автореферати Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзӯи «Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Низоми таҳсилоти олӣ яке аз муҳимтарин муассисаи иҷтимоии соҳаи маориф буда, бо мақсади дар амал татбиқ намудани талаботи ҷомеа оид ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос талош мекунад. Бинобар ин ба ҳама тағйироту равандҳои воқеии ҷамъият ҷавоб медиҳад, рушди фарҳанги миллӣ, тамоюлҳои асосии ҷаҳони тамаддуни инсонӣ ба таври махсус дар низоми таҳсилот инъикос меёбад.

Имрӯз, вусъати соҳаи таҳсилоти олӣ масъалаи сифати тайёрии касбии мутахассисонро ба миён мегузорад. Ҷомеаи муосир ба мутахассисони баландихтисос, соҳибмаърифат, соҳиби салоҳияти касбӣ ва фаъолу бомасъулият ниёз дорад. Дар ҳалли ин вазифаи муҳими ҷамъиятӣ омӯзгор мавқеи алоҳида дорад. Мувоффақияти фаъолияти омӯзгорӣ пеш аз ҳама ба қобилияти ташкилотчигии онҳо вобастагии комил дорад.

Диссертант масъалаи технологияи рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯёни мактотиби олӣ зимни таълими фанҳои педагогӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзии педагогиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дар шароити кунунӣ яке аз мавзӯъҳои умдаи низоми таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд таъкид бояд кард, ки мавзӯе, ки Мамадҷонов С.Ҳ. дар диссертатсияи хеш ба риштаи таҳқиқ кашидааст, дар шароити рушди соҳаи маорифи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалии худро аз диди назариявӣ ва амалӣ то ҳанӯз ҳаллу фасли худро дар низоми кредитии таҳсилот наёфтааст.

Мамадҷонов С.Ҳ. кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, ки аз назари илмӣ ва мантиқӣ дақиқ, фаҳмо ва саҳеҳ мақсад, вазифаҳо, фарзия, методҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарияву амалӣ, саҳеҳият ва эътимоднокӣ ва қазияҳои таҳқиқотро оид ба мавзӯи матраҳшаванда кушоду равшан ва

дурусту фаҳмо мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ба ақидаи мо диссертант аз ӯҳдаи ин кор ба дурустӣ ва бе мушкилӣ баромадааст.

Ҳамбастагӣ ва ягонагии мақсаду вазифаҳо ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот ба диссертант имкон додаанд, ки натиҷаҳои асосноки воқеиро тавассути санҷишҳои озмоишии фарзия ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсии муаллиф ба ҳайси омӯзгор ба даст оварад.

Ҳамин нуктаро бояд махсус таъкид намуд, ки унвонҷӯ дар қисмати озмоишии (экспериментӣ) кори таҳқиқотии худ шакл, роҳ ва тарзу усулҳоеро роҳандозӣ кардааст, ки дар ҳал намудани масъалаи рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён зимни таълими силсилаи фанҳои педагогию психологӣ ва раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ шароити мусоидро фароҳам оварад.

Унвонҷӯ дар аввали таҳқиқот дар натиҷаи омӯзиш ва ба хулосае омадааст, ки дар раванди амалигардонии низоми кредитии таҳсилот ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда мавқеи махсусро касб мекунад. Рушди қобилияти созмондеҳӣ дар ин раванд мавқеи хосро ишғол мекунад, чунки фаъолияти ташкилотчигии омӯзгор яке аз унсурҳои муҳими сифати касбии ӯ ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти мавзуи диссертатсияи мазкур аз зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаи назариявию амалии омоданамудани омӯзгорони оянда ба фаъолияти ташкилотчигӣ ва рушди қобилияти созмондеҳии онҳо дар низоми таҳсилоти олӣ, аз муносибати босалоҳият дар раванди таълими таҷрибаомузии педагогӣ бармеояд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти мукаммали диссертантро бозгӯй намудааст.

Чи тавре, ки маълум гардид, диссертант Мамадҷонов С.Ҳ. бобҳоро дар алоҳидагӣ, мухтасар оварда, дар охир бо овардани нуктаи назари худ бобҳоро ҷамъбаст намудааст. Дар феҳристи интишороти илмии диссертант вобаста ба диссертатсия 21 асарҳо илмӣ, аз ҷумла 7- мақолаи илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии

Тоҷикистон(6) ва Қирғизистон(1), 1 монография, 3 маводи методӣ, инчунин 11-мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои маводҳои конфронсҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос гардидааст. Мақолаҳои интишоркардаи унвонҷӯ ва автореферати диссертатсия муҳтавои тадқиқоти мазкурро пурра инъикос мекунанд.

Натиҷаҳои таҷрибавии таҳқиқоти гузаронидашуда дар истифодаи васеи фаъолияти омӯзгорон дар омода намудани мутахассисони оянда дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон дар Маркази бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи вилояти Суғд ва дар худомӯзӣ ва худташаккулёбии омӯзгорони мактабҳои умумитаълимии ноҳияи Ҷаббор Расулов мебошад.

Вобаста ба он, ки кори таҳқиқотии мазкур дар сатҳи хуби илмӣ иҷро шудааст, натиҷаҳои таҳқиқоти ба даст омада, саҳеҳ ва эътимоднок буда, хулосаҳо ва тавсияҳои методи илман асоснок карда шудаанд, бо итминони комил метавон зикр намуд, ки кори таҳқиқотии Мамадҷонов С.Ҳ. - ро ба талаботи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ҳисобида шуда, худи диссертантро барои ноил гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод кардан мумкин аст.

Мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷаббор Расулов, номзади илмҳои фалсафа: — Шодиев Абдуҷалил Абубакирович

Тамос: ноҳияи Ҷаббор Расулов,
ш. Меҳробод, К.М.Турсунзода 22/6.
Телефон: 92 765 80 27
E-.mail: shodi1966@mail.ru
20.08.2022

Имзои мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷаббор Расулов Шодиев Абдуҷалил Абубакировичро тасдиқ мекунам: Мудири шуъбаи кадрҳо Мирфузайлова М.